Баҳром Фирӯз

# Субҳи Ватан





*Гуле аз навбаҳорат ман,*
*Ватан, як мушти хокат ман,*
*Сари сабзи чинорат ман,*
*Парешон атри покат ман.*

Бофиз


КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА
БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |


ISBN 978-99947-

ЧДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

Баҳром Фирӯз

# СУБҲИ ВАТАН



ТҶБ «Истиқбол»
Душанбе-2012

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

Зи нағмаҳои сози мо,
Зи таърихи дарози мо,
Туро бубаста тору пуд,
Забони дилнавози мо.

Зи ҳикмати замири пок,
Зи оҳи пири дарднок.
Зи тӯйҳо, зи сурҳо,
Зи синаҳои чок-чок.

Аз «Алла»-ҳои модарон,
Зи хандаҳои кӯдакон,
Асос барниҳодаанд,
Туро чу марҳаме ба ҷон

Ту аввалин суруди мо,
Қиссаи «Буд-набуд»-и мо.
Забони модарӣ, тӯӣ –
Шаҳодати вуҷуди мо.



# ҚАЛАМ

Қаламам зӯру иқтидорам шав,
Теғ шав, теғи обдорам шав.

Мисли шамъе бисӯз беармон.
Равшанибахши рӯзғорам шав.

Қадди ман хам шавад зи бори умр,
Ростӣ ҷӯю растагорам шав.

Гар бимонам ҳақиру бечора,
Дасти ман гиру чорадорам шав.

Дар зафарҳои пуршукӯҳи халқ,
Дастаи байрақи диёрам шав!



# СОЛИ НАВ

Соли нав рӯзи дурахшон орад,
Хотири ҷамъ ба инсон орад.
Олам аз макру дурӯғ осояд,
Адлу инсофи фаровон орад.

Хоҳам ин, ки ҳама пуркор шаванд,
Чун дарахтон ҳама пурбор шаванд,
Гар ба пои заифе хор занад,
Дӯстон сӯзани ҷаррор шаванд.

Дӯстон ҳалқаи мо кам нашавад,
Ҳеҷгаҳ чашми шумо нам нашавад.
Покният ба муродаш бирасад,
Ҳаргиз аз дӯст сараш хам нашавад.





# ТИРАМОҲ

Тирамоҳ – майдони пурҷавлони мо,
Тирамоҳ – домони пурэҳсони мо,
Тирамоҳ – саҳрои пурхирман бувад,
Тирамоҳ – рӯсурхии деҳқони мо.

Тирамоҳон нони деҳқон дар замин,
Обрӯю номи деҳқон дар замин.
Давлати сармад ба саҳро рехта,
Музди субҳу шоми деҳқон дар замин.

Тирамоҳ гар деҳқон таъхир кард,
Нони дастатро таҳи по зер кард.
Нақди худ гум карду номи неки худ,
Худ ба ҳаққи хештан тазвир кард.

Тирамоҳ – майдони пурҷавлони мо,
Тирамоҳ – домони пурэҳсони мо,
Тирамоҳ – саҳрои пурхирман бувад,
Тирамоҳ – рӯсурхии деҳқони мо!

## ДИЁРАМ

Диёрам, Каъбаи ман ту,
Ба ҳар сангаш тавоф орам.
Ба ҳар неку бадам наздат
Чу фарзанд эътироф орам.

Ба бӯи сабзаи навхез,
Ба бӯи меҳр мастам ман.
Гулу хори туро умре
Диёрам, мепарастам ман.

Гуле аз навбаҳорат ман,
Ватан, як мушти хокат ман,
Сари сабзи чинорат ман,
Парешон атри покат ман.

Ватан – модар, ватан – фарзанд.
Ватан – чашмони биноям.
Ватан аз ман, ман аз ӯям,
Ватан – имрӯзу фардоям.

Агар гӯяд ватан: – Рав ту
Дигар ҷо подшоҳе шав!
Бигӯям, дар барат монам,
Ту бар ман сарпаноҳе шав.

Маро, бигзор, дар кӯҳат
Чу абри даргузар бошам,
Маро, бигзор, дар кӯят
Насими дар ба дар бошам.



# ВАТАН

Ватан танҳо ҳамин маънои мо нест,
Ватан кӯҳсори сарболои мо нест,
Ватан афсонаҳо не,
қиссаҳо не,
Ватан таърихи хунполои мо нест.

Барои ин ватан мо ҷон фишондем,
Таҳи зиндону рӯи дор мурдем,
Ватан то ҷовидон монад ба гетӣ,
Сари афрошта бо ор мурдем.

Ватан – тақдири фарзандони мо буд
Ватан – савганди мо, имони мо буд,
Ватан сабри дили меҳнаткаши мо,
Ватан як охирин дармони мо буд.

Ватан на миру на тоҷу на байрақ,
Ватан на ганҷу на ганҷинаҳо аст.
Ватан уммеди фардои хуше буд,
Ватан чун ормон дар синаҳо аст.



## СУБҲИ ИДИ ДУШАНБЕ

Дасти хуршед аз рухи кӯҳсор чодар мекашад,
Кӯҳи сарболо кулоҳи шом аз сар мекашад.
Лаълии хуршед мисли тоҷи мулки тоҷикон
Рӯи гулгуни Душанберо хати зар мекашад.
Модарон хобу саҳаргаҳ баччагон бедор аҷаб,
Файзи ид аз шаҳру деҳ бар осмон сар мекашад.
Чист зеботар ба даҳр аз бомдоди рӯзи ид?!
Кишварам гӯё бисоти ид дар бар мекашад.
Гӯиё тӯй аст дар ҳар хонадоне ин саҳар,
Ханда дар рухсораҳо сад ҳусни дигар мекашад.
Духтаре чун гул шукуфта шона бар мӯ мезанад,
Ҳар замон бар абрувонаш усмаи тар мекашад.
То ки ид ояд, сафо ояд ба дунё ҳар саҳар,
Кӯдакӣ сесолае нақши кабӯтар мекашад.

# БАҲОР

Замин сабзу само нилуфарӣ гашт,
Табиат ҳамсадо шуд бо дили ман.
Мисоли сабзрӯде мехурӯшам,
Замину осмон – ду соҳили ман.

Ҳавои кӯдакӣ чӯям баҳорон,
Ба рӯи одамон хушнуд хандам.
Гурезам боз аз мактаб ба саҳро,
Ба ту ҳар субҳидам гулдаста бандам.

Ба ту ҳар субҳидам гулдаста бандам,
Ба роҳат ҳар саҳарғоҳ лола пошам.
Ба ту ошиқ шавам боз аз сари нав,
Чӣ бошад: боз ҳаждаҳсола бошам!

Ба истиқболи мурғони баҳорӣ
Бигӯям боз шеъри ошиқона.
Бисӯзам боз мисли мурги оташ,
Ки аз ишқи ту монад ин фасона.



## ҶӮРАҲО

Меравему меравем.
Бар кӯҳсори дуродур.
Пайраҳа – пули сирот,
Вале мо – ҳама дилпур.

Табъи мо ҳамеша чоқ,
Таронаҳо мехонем,
Аз Синою Эйнштейн
Доим сухан меронем.

Ваҳ, чӣ зебо, чӣ зебо
Ин дараи Харангон!
Валекин бе ҷӯраҳо
Мешавӣ ин ҷо ланғон.

Аз ҷӯраи нағз авло
Ба дунё дигар чӣ ҳаст?!
Мо хархаша надорем,
Ҳама рафиқу ҳамдаст.

Дар раҳи сафар доим
Ҳамраҳи ҳамдил даркор.
Дар рӯзи шодию ғам
Ҷӯраи оқил даркор.


Баҳром Фирӯз

**СУБҲИ ВАТАН**

(Маҷмӯаи шеърҳо барои кӯдакони синни хурд ва миёнаи мактабӣ)

Муассис: Латофат
Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир: Абдусалом Абдуллоев
Ороишгар: Комрони Раҳмон
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

Ба чоп 16/01/2012 супорида шуд. Ба чопаш 28/01/2012 имзо шуд. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$ Коғази офсет №1. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5. Теъдод 5000 нусха. Нархаш шартномавӣ.

ТҶБ «Истиқбол», 2012, ш. Душанбе,
хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: (99237) 238-53-01, (918) 82-94-75
E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.org

ISBN 978-99947-53-78-9

9 789994 753789

Дар интишороти «Imak-ofset» ба нашр расидааст